**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 98/2с
аз «16» 07 соли 2024

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи «Тартиби гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар бандҳои 34, 35, 36, 39, 40, 46 ва дигар бандҳои лоиҳаи болозикр уҳдадорӣ барои субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ пешбинӣ гардидааст;

3) дар банди 41 лоиҳа маҳдудиятҳо барои субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ пешбинӣ гардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, барои арзёбии вазъи умумии ҳолати молиявии субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ, амалисозии дурусти баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, санҷиши дурустии пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ, истифодаи мақсадноки захираҳои суғуртавӣ, идоракунии хавфҳои суғуртавӣ, вазъи молиявӣ ва дурнамои фаъолият, ҳамчунин ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон мусоидат менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.